***ТКБ 9т***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-28-34***

***«ТӮҲФАТ-УЛ-ХОНӢ»-И МУҲАММАДВАФОИ КАРМИНАГӢ САРЧАШМАИ НОДИРИ ТАЪРИХӢ***

***Саидов Бахтиёр Латифович,*** *докторанти (PhD)-и кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***«ТУХФАТ-УЛ-ХАНИ» - МУХАММАДА ВАФО КАРМИНАГИ ВАЖНЕЙШИЙ ИСТОРИЧЕСКИЙ ИСТОЧНИК***

***Саидов Бахтиёр Латифович,*** *докторант PhD кафедры история таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***"TUHFAT-UL-KHONI" OF MUHAMMAD VAFO KARMINAGI IS A RARE HISTORICAL SOURCE***

***Saidov Bakhtiyor Latifovich,*** *PhD of the department of the history of Tajik people of SEI «Khujand State University named after acad. B. Gafurov» (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *saidov-b-1995@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сарчашмаи таърихӣ, хонигарии Бухоро, воқеаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, сулолаи Манғития, Аштархониён, Муҳаммадвафои Карминагӣ, «Тӯҳфат-ул-хонӣ»*

*Мақола ба баррасии ҷойгоҳи сарчашмаи хаттӣ - «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ дар омӯзиши таърихи хонигарии Бухоро дар асри XVIII бахшида шудааст. Дар мақола оид ба дастнависи «Тӯҳфат-ул-хонӣ», нашри факсимилии он, аз хатти форсӣ ба сиррилик баргардон намудан ва дар асоси он анҷом дода шудани таҳқиқот маълумот дода мешавад. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» вазъи сиёсии давлати Аштархониён, ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Мовароуннаҳр, заволи Аштархониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи манғития, талошҳои Муҳаммадраҳимхон баҳри мутамарказ кардани давлат, тобеъ намудани вилоятҳои алоҳида ва ҳокимияти Дониёлбий муфассал инъикос шудаанд. Инчунин дар ин сарчашмаи таърихӣ ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таркиби этникии хонигарии Бухоро тасвир ёфтааст. Дар хулосаи муаллиф тазаккур меравад, ки «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ яке аз сарчашмаҳои нодир дар омӯзиши таърихи асри XVIII хонигарии Бухоро ба ҳисоб рафта, маълумоти фаровони сиёсӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникиро доро аст.*

***Ключевые слова:*** *исторические источники, Бухарское ханство, военно-политические события, династии мангытов, Аштарханиды, Мухаммад Вафо Карминаги, «Тухфат-ул-хани»*

*Статья посвящена рассмотрению места письменного источника -«Тухфат-ул-хани» Мухаммада Вафо Карминаги в изучении истории Бухарского ханства XVIII века. Приводятся сведения о рукописи «Тухфат-ул-хани», ее факсимильном издании, транслитерации письменности с персидского на таджикскую кириллицу и проведенных на ее основе исследованиях. Автор статьи отмечает, что в «Тухфат-ул-хани» подробно описывается политическое положение Аштарханского государства, нападение Надир-шаха на Мавераннахр, распад династии аштарханидов и приход к власти династии мангитов, стремление Мухаммада Рахим-хана к централизации государства, подчинению отдельных областей а также правление Даниялбия. Кроме того, в этом историческом источнике описывается социальная, культурная жизнь и этнический состав Бухары. В заключение автор отмечает, что «Тухфат-ул-хани» Мухаммада Вафо Карминаги считается одним из редких источников в изучении истории Бухарского ханства XVIII века и содержит уникальные сведения о политической, военной, социальной, культурной и этнической аспектах жизни.*

***Key words:*** *historical sources, Bukhara Khanate, military-political events, Mangyt dynasty, Ashtarkhanids, Muhammadvafo Karminagi, "Tuhfat-ul-khoni"*

*The article reviews the place of the written source "Tuhfat-ul-khoni" of Muhammadvafo Karminagi in the study of the history of Bukhara Khanate referring to the 18th century. The author gives information about the manuscript "Tuhfat-ul-khoni", its facsimile edition, transliteration of writing from Persian into Tajik Cyrillic and conducted researches on its basis. The author of the article notes that "Tuhfat-ul-khoni" details the political situation of Ashtarkhan state, the attack of Nodirshoh on Movarounnahr, Ashtarkhanids dynasty collapse and Mangyt dynasty's coming to power, Muhammadrahimkhon`s desire to centralize the state, subjugate certain regions and Doniyolbi`s reign. The relevant historical source describes social, cultural life and ethnic composition of Bukhara as well. Finally, the author notes that "Tuhfat-ul-khoni" of Muhammadvafo Karminagi is considered to be one of the rare sources in the study of the history of Bukhara Khanate referring to the 18th century and contains unique information about with political, military, social, cultural and ethnic life.*

Сарчашмаҳои таърихӣ, ки дар хазинаҳои илмӣ ва осорхонаҳои кишварҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд, воқеан барои дарки таърих ва фарҳангу тамаддуни минтақаҳо, кишварҳо ва ҷаҳон хидмати беандозаро ба ҷой оварда метавонанд.

Дар асри XVIII дар қаламрави Осиёи Миёна хонадоне ба сари қудрат омад, ки дар саҳифаҳои таърих ин сулола бо номи «Манғития» - «манғитҳо» маъруфият касб кард. Асосгузор ва нахустин ҳокими ин хонадон – Муҳаммадраҳимхон буд, ки доир ба корномаи ӯ нахустин асари таърихии он замон «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ маҳсуб меёбад.

Сарчашмаи таърихии «Тӯҳфат-ул-хонӣ», ки онро гоҳо «Таърихи Раҳимхонӣ» низ мегӯянд, яке аз асарҳои аввалин ва қадимаи таърихӣ доир ба ҳукмронии сулолаи манғитиён аст. А.А. Семенов, Н.Д. Миклухо-Маклай, А.М. Мирзоев, А.Н. Болдирев бар он ақидаанд, ки онро ду муаллиф навиштааст [1, с.110]. Қисмати асосӣ ва калонтарини асар, ки воқеаҳои солҳои 1134ҳ.қ./1722м. то соли 1182 ҳ.қ./1768-1769м.-ро фарогир аст, ба қалами Қозӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ мансуб аст. Муаллифи қисмати дигар, ки ҳодисоти то соли 1196/1782-ро дарбар мегирад, танҳо дар нусхаи Душанбе мавҷуд аст, домулло Олимбек валади Ниёзқулибеки Эшон мебошад [5, с.343].

Дар замимаи нусхаҳо, ки соли 1182/1768-69 ба анҷом расидааст, гуфта мешавад, ки муаллифи онҳо Муҳаммадвафои Карминагӣ соли 1183/1769-70 вафот кардааст ва дар нусхаи Тошканд бошад, хабар дода мешавад, ки ӯ 87 сола шуда буд [1, с.110]. Аз ин зиёд дар бораи ин шахсият маълумот нест яъне, дар бораи Муҳаммадвафои Карминагӣ, ки муаллифи «Таърихи Раҳимхонӣ» аст, маълумот аз ин зиёд дар даст надорем. Дар китоби «Убайдуллонома», ки яке аз асарҳои муҳими таърихии замони Аштархониён маҳсуб меёбад, номи як нафар Мулло Вафо зикр гаштааст, ки он дар ибтидои соли 1119/1706 китобдори дарбори Аштархониҳо ё ин ки китобдори дарбори Убайдуллохон буд [3, с.94; 1, с.110] ва мумкин аст, ки дар ин вазифа дигар шахс ҳам фаъолият бурда бошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки маҳз Мулло Вафое, ки дар «Убайдуллонома» зикр шудааст, муаллифи «Тӯҳфаи хонӣ» бошад.

Муҳаммадвафои Карминагӣ бо аҳли дарбор робитаи хуб дошт ва котиби хуб ҳам буд, ки ҳама воқеаҳои таърихиро ба қайд мегирифт. Қозӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ дар асари худ ишора дорад, ки соли 1158/1745 Муҳаммадраҳимхон ба ӯ супориш додааст, ки навиштани таърихро оғоз кунад. Баъд аз вафоти Муҳаммадраҳимхон Муҳаммаддониёлбий ба Қозӣ Вафо амр кардааст, ки роҷеъ ба даҳ соли аввали ҳукмронии ӯ низ дар китобаш маълумот диҳад [5, с.21].

Қозӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ бисёр вақт дар асараш иқтибосҳоро аз мактубҳои дафтари муросилот истифода мебарад, аммо ин маънои онро надорад, ки мактубҳоро ӯ айнан нақл мекунад ё айнан аз он ҷо иқтибос меорад. Дар таърихнигории исломӣ чунин ҳам ба назар мерасад, ки гоҳо муаллифон мактубҳоро мехонанд ва онро ба ҷои айнан нақл кардан мазмунан меоранд ва дар асарҳои онҳо як матни айнан нақлшудаи мактубҳо вуҷуд надорад. Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» дар бораи қозии кадом ноҳия ё кадом минтақа будани Муҳаммадвафои Карминагӣ зикр нашудааст. Дар баробари ин дар китоби худ Муҳаммадвафои Карминагӣ роҷеъ ба ҳаёти худаш маълумоти кофӣ надодааст. Танҳо чунин маълумот маълум аст, ки ӯ муаллифи мисраҳои рӯи санги мазори Муҳаммадраҳимхон маҳсуб меёбад.

«Тӯҳфат-ул-хонӣ» дар байни осори таърихие, ки ба хонигарии манғитиён бахшида шудааст, ба монанди «Тоҷ-ут-таворих»-и Муҳаммад Шариф, «Таърихи манзум»-и Мирзо Содиқи Муншӣ, «Аҳволоти мамоликҳо ва подшоҳон, ки аз санаи 1160 дар мамлакати Хуросон ва баъзеи Ҳиндустон аз Афғон ва ғайруҳу ва мамолики Тӯронзамин подшоҳ будаанд ва ал-воқеӣ ҳастанд»-и Мир Абдулкарим, «Махозин ат-тақво»-и Мирӣ, «Таърихи Ҳумулӣ»-и Ҳумулӣ ва ғайраҳо аз машҳуртарин ва марғубтарин асар маҳсуб меёбад. Далели ин иддао нусхаҳои зиёд ва паҳншудаи ин асар мебошад. То имрӯз ба матншиносон, бино бар иттилои бархе аз муҳаққиқон, 21 нусхаи ин асар ошно аст, вале мутаассифона, аксари онҳо ё комил нестанд ё зарар дидаанд. Аз ин нусхаҳо 6 нусха дар шӯъбаи Санкт-Петербургии Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ФР, 2 нусха дар Китобхонаи миллии ФР дар Санкт-Петербург, 10 нусха дар ганҷинаи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии ба номи Берунии АУ ҶӮ дар Тошканд, 2 нусха дар ганҷинаи Мероси хаттии АУ ҶТ дар Душанбе ва 1 нусха дар ганҷинаи дастхатҳои шарқии Донишгоҳи давлатии Қазон маҳфуз мебошанд. Ғайр аз ин бисёр вариантҳо, нусхаҳои ин китоб мавҷуд аст, ки то соли 1906 нусхабардорӣ шудааст [1, с.112].

Аксар нусхаҳои дастхат соли 1182/1768-69 навишта шудаанд. Аммо муайян кардани санаи дақиқи таълифи нусхаҳо ғайриимкон аст. Зеро дар аксари нусхаҳое, ки мавҷуданд, варақаи охирин аз байн рафтааст ва ё гум шудааст.

Олим-сарчашмашиноси муосири олмонӣ Анке фон Кюгелген дар асоси нусхаи хаттии Қазон, яъне нусхаи хаттии Донишгоҳи федералии Қазон, ки таҳти рақами Ф-301 номнавис шудааст, мавриди истифода қарор додааст [1, с.112]. Инчунин ӯ барои муқоисаву қиёс якчанд нусхаи дигарро ҳам кор фармудааст, ки инҳо нусхаҳои Санкт-Петербург мебошанд.

Нусхаи қазонии «Тӯҳфат-ул-хонӣ» аз 73 фасл ё 73 сарлавҳа иборат аст ва ҳар як сарлавҳа бо номи зикр ё баён оғоз мешаванд. Дар ин нусха баъд аз ҳамди Худо ва дуруди расул дар якчанд сатр Қозӣ Муҳаммадвафои Карминагӣ изтироби худашро аз бетартибиҳои олам дар минтақаи Мовароуннаҳр ва таасуроташро аз ин ҳодисаи ваҳшатнок баён мекунад. Маълум мегардад, ки ӯ асари худро аз нақли нахустин солҳои ба сари ҳокимият омадани Муҳаммадраҳимхон ва ба қатл расонидани Абулфайзхон оғоз мекунад.

Мақсади асосии ин китоб бинобар гуфти худи ӯ ба қайд гирифтани рафторҳо, яъне мақомоти Муҳаммадраҳимхон барои нигоҳ доштани таърих аст. Дар ду қисми аввали сеяки китоб Қозӣ Муҳаммадвафо доир ба якчанд мавзӯи муҳим ҳарф мезанад, ки аз инҳо иборатанд: тавсифи аҷдоди Муҳаммадраҳимхон, ки дар Мовароуннаҳр зиндагӣ кардаанд, забткорении Мовароуннаҳр аз ҷониби Нодиршоҳ, барқарор намудани тартибот дар Тӯронзамин бо фармони Нодиршоҳ. Яке аз бобҳои ин китоб дар бораи ба танзим даровардан ва назорати музофот ва мамолик нақл мекунад. Мафҳуми ба «тартиб даровардан»-ро Қозӣ Муҳаммадвафо пеш аз ҳама ҳамчун пахш намудани шӯришҳо, ки дар якчанд музофот рух додааст, мефаҳмад. Дар ин таърихнома ҳар як исён ё шӯриш ва ё ҳар як муҳориба таҳти унвони алоҳида зикр мешавад. Шӯришҳое, ки бо як зарба задан ё як лашкаркашӣ онро ба поён расонида натавонистанд, дар қисмати дигари асар аз тарафи муаллиф зикр мешавад. Кӯшишҳои Муҳаммадраҳимхон барои пахш кардани ин ё он шӯриш баён гаштаанд.

Муҳаммадвафои Карминагӣ дар қисмати охири фасли аввали китоб ба тахти хонӣ нишастани Муҳаммадраҳимхонро тасвир мекунад, доир ба унвонҳо нақл мекунад, аз андозҳо ва ё муҷозот озод намудани ашхос маълумот медиҳад, инчунин лаҳзаҳои вафоти Муҳаммадраҳимхонро тасвир мекунад. Дар қисмати дуюми китоб муаллиф аввал доир ба кирдор ва рафторҳои Муҳаммаддониёлбий дар замони Абулфайзхон ва Муҳаммадраҳимхон сухан меронад. Дар ин қисмат инчунин нуқтаи назари Муҳаммаддониёлбий доир ба нақши манғитҳо дар бастани сулҳ бо Нодиршоҳ баён гаштааст. Дар қисматҳои дигари ин фасли асар Муҳаммадвафои Карминагӣ доир ба юришҳои Муҳаммаддониёлбий ва тадбирҳои ӯ барои пахш кардани исёнҳо дар кишвар нақл мекунад. Китоб бо тасвир намудани муҳориба дар назди Шаҳрисабз ва бо ғалабаи комил ба Бухоро баргаштани Муҳаммаддониёлбий ба поён мерасад [1, с.113].

Муҳаммадвафои Карминагӣ доир ба воқеаҳои сиёсӣ, аз ҷумла доир ба шӯришу ихтилофҳо байни қавму қабилаҳои шӯришгар маълумот медиҳад. Аммо дар асар даврабандӣ ва зикри солҳо нодуруст баён гаштаанд. Ӯ доир ба ҳаёт ва шароити қавму қабилаҳо маълумот дода, андешаашро нисбат ба муносибати онҳо ба ҳокимияти давлатӣ баён мекунад.

Муҳаммадвафои Карминагӣ дар китоб ба таври муфассал тӯйи хонадоршавии Муҳаммадраҳимхон ва хатнасури писарони Муҳаммаддониёлбийро тасвир кардааст. Ба маросими тӯю сур хусусияти сиёсӣ дода шудааст. Муҳаммадраҳимхон бо духтари Абулфайзхон издивоҷ мекунад, ки ин ҳолат барои ба тахти хонӣ (ба таври қонунӣ) баромадани ӯ замина муҳайё карда буд. Тасвири маросими хатнасури писари Дониёлбий бошад, қудрату шаҳомати хонро инъикос намудааст.

Дар қисмати дуюм истифодабарии сураҳо ва оятҳои Қуръонӣ хеле кам ба назар мерасанд. Забон ва услуби баёни матлаб дар китоби Муҳаммадвафои Карминагӣ барои хонанда мушкилиҳо эҷод мекунад. Ҳатто нафароне, ки баъд аз таълифи ин асар зиндагӣ кардаанд, доир ба ин матолиб андешаи худро баён кардаанд. Чунончӣ, Ҷаҳонгирбекбий Додхоҳ- ҳокими музофоти Яккабоғ, соли 1906 аз нафаҳмидани иборҳои зиёд ва ҳам муғлақи асари Муҳаммадвафои Карминагӣ ба Мирзо Абдулқодири Кешӣ супориш дода буд, ки нусхаи маҷмӯӣ ва осонтари ин таърихномаро бинависад [1, с.114].

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи асари Муҳаммадвафои Карминагӣ аз дигар асарҳои таърихии ин давра дар он аст, ки ӯ аз сарчашмаҳо ёдовар намешавад ва ҳатто номи як нафар муҳаққиқро зикр намекунад, ки дурустии суханонашро тасдиқ намояд ва аз асаре иқтибоси махсус намеорад. Гузашта аз ин, ӯ ҳатто ибораи дар он замон машҳури «шоҳиди он ҳодиса гаштам»-ро истифода намекунад.

Ба муғлақ будани матну аз илтифоту суханпардозиҳо зиёд будани услуби баёни Муҳаммадвафои Карминагӣ дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» нигоҳ накарда, хонанда метавонад матолиби зиёдеро доир ба фаъолияти ҳокимони баландпояи сиёсӣ ва ҳамрикобони хон дар он

давра бифаҳмад. Маълумоти Муҳаммадвафо доир ба ҷангҳо ва юришҳои ғоратгаронаи байнихудии қабилаҳои ӯзбек ҷолиби диққатанд. Муаллифи асар менигорад, ки юришҳои ҳокимони манғит ба Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ургут, Ҳисор, Ҷиззах ва дигар минтақаву шаҳрҳо барои пахш кардани шӯришҳои қабилаҳо, ва ба даст овардани нуфуз амалӣ гардида буданд. Ҳама ин ҷангҳои дохилӣ ба хароб гаштани хоҷагии халқ ва бад гаштани аҳволи мардум оварда расонд. Ғайр аз ин асар дар бораи маҳалҳои паҳншавии қабилаҳои ӯзбек, дар бораи сохти артиш, аниқтараш дар бораи сохти қӯшунҳои қавмӣ, идораи давлатӣ ва муносибатҳои сиёсии байни хонигарии Бухоро бо давлатҳои ҳамсоя Афғонистон, Эрон, ҳокимияти Тошканд, хонигарии Қӯқанд ва Қошғар далелҳои зиёдеро ба даст овардан мумкин аст [4, с.164].

Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» аз ҷумла, дар бораи бесуботиву бераҳмии сиёсӣ дар мамлакат, ки дар Мовароуннаҳр, аз ҷумла дар Бухоро ба вуҷуд омадани дуҳокимиятӣ маълумот дода мешавад. Ин дуҳокимиятӣ байни Абулфайзхон дар Бухоро ва Раҷабхон дар Самарқанд ба вуҷуд омада буд. Раҷабхонро намояндагони қабилаҳои кенагос, сарой, қатаған ва қисман хитойқипчоқҳо дастгирӣ мекарданд. Аз ин ҳолати ба амаломада қабилаҳои турку муғулии Дашти қипчоқ истифода бурданд, ки минбаъд ин қабилаҳо дар дастхатҳои асрҳои XVI - XIX қазоқҳо номида шудаанд [2,с.115].Онҳо бо сардории хонҳо ва султонҳои худашон муддати ҳафт сол аз соли 1135/1722-1723—1141/1728-1729 мунтазам ба ноҳияҳои алоҳидаи водии Зарафшон ворид шудаанд ва шаҳри Миёнколро то наздикии туманҳои Бухоро забт намуданд, киштзорҳоро хароб карданд ва ҳамроҳи худ бисёр асирону чорворо гирифта бурданд, ки дар натиҷаи ин ҳодисаҳо кишвари ободон ва гул-гулшукуфон ба харобазор ва бешаю биёбон табдил ёфт [5, с.34]. Муҳаммадвафои Карминагӣ ҳама ин ҳодисаҳоро ба таври мухтасар ва ё гоҳо муфассал баён мекунад. Аз нақлҳои ӯ маълум мешавад, ки ҳукумати Абулфайзхон нисбат ба ин гуна бетартибиҳо заиф ва беқувват буд. Ин ҳукумат аз ҳисоби истисмори мардум рӯз мегузаронд, аммо дар ҳолати вазнинӣ ҳукумати Абулфайзхон аз пайи осоиш ва накӯии халқ нагардид.

Мулло Муҳаммадвафои Карминагӣ доир ба аслиҳа ва лавозимоти ҳарбии ин давра маълумоти аниқ медиҳад, ки ин яроқу аслиҳаҳоро Нодиршоҳи эронӣ ба Муҳаммадраҳимхон баҳри муборизааш барои ба даст овардани ҳокимияти марказии Бухоро ҳадя карда буд. Дар китоби Муҳаммадвафо тафсилоти баргаштани Муҳаммадраҳимхон аз Эрон ба Бухоро бо ҳамроҳии яке аз саркардаҳои эронӣ Шоҳқулихон (соли 1158/1745), аз ҷониби Нодиршоҳ ба сӯи Бухоро бо ҳамроҳи Муҳаммадраҳимхон фиристода шудани якчанд нафар сарбоз силоҳи ҷангӣ (соли 1159/1746) ва ё ба ихтиёри Муҳаммадраҳимхон гузаштани қисмати зиёди артиши Эрон, ки аз ҳисоби қизилбошҳо, лазгиҳо, туркҳои усмонӣ, афғонҳо ва дигарон созмон дода шуда, ташкили тӯбхона бо 30 адад тӯпро баён намудааст [5, с.81-82].

Чи тавре ки дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» қайд шудааст, намояндагони ашрофи Эрон - Беҳбудхон ва Ҳасанхон минбаъд тақдири Абулфайзхон ва сулолаи Аштархониёнро ҳаллу фасл намуданд. Беҳбудхон бо иштироки Раҳимбийи аталиқ 9 июли соли 1747 дар Бухоро анҷумани хос доир намуда, Абулфайзхонро аз тахт сарнагун намуда, ӯро дар боғи Қаландархонаи Арк ҳабс менамояд ва ба ҷои ӯ писари хурдсолаш Абдулмӯъмини 12-соларо хон эълон менамояд, ки ӯ амалан ҳеҷ гуна қудратро дар ихтиёр надошт. Дар ин солҳо ҳукумат аслан дар дасти намояндаи манғитҳо Муҳаммадраҳимхон қарор дошт. Муҳаммадраҳимхон минбаъд санаи 23-юми рабеъулаввали 1170 ё худ 16 декабри соли 1756 ба тахт нишаст ва асосгузори сулолаи нави манғитҳо гардид [5, с.241].

Аз маълумоти муаллифи «Тӯҳфат-ул-хонӣ» бармеояд, ки дар давоми шаст сол, ки таърихи хонигарии Бухоро дар он инъикос ёфтааст, дар ҳудуди Мовароуннаҳр ҷудоихоҳии феодалони маҳаллӣ чунон авҷ гирифта буд, ки Муҳаммадраҳимхон ва минбаъд Муҳаммаддониёлбий натавонистанд, ки ин мухолифатҳои қавмиро аз байн баранд. Соле набуд, ки дар ин ё он минтақа шӯриш ва ё исёни ин ё он намояндагони қабилаҳои дар ҳудуди Мовароуннаҳр сукунат дошта, ба вуҷуд наояд. Муҳаммадраҳимхон ва Дониёлбий ба дастгирии доираҳои муайяни феодалон ва рӯҳониёни динӣ такя намуда, ҷангҳои пай дар паи беамонро барои мутеъ кардан ва ба ҳокимияти марказӣ муттаҳид намудани қавму қабилаҳои гуногун мекӯшиданд. Танҳо ба муқобили қабилаи кенагоси Шаҳрисабз (аз оғози асри XVI онҳо қисмати зиёди аҳолии кӯчманчиро ташкил медоданд ва ин то асри XVIII идома кард) зиёда аз ду сол мубориза идома ёфт [2, с.116; 5, с.169]. Дар он ба самти Шаҳрисабз чаҳор маротиба юриш анҷом дода шуд. Ин ҷангҳо хеле ҳам хунхорона ва золимона барпо шуда буданд. Лашкари Бухоро бо он нафароне, ки бар зидди ҳокимияти марказӣ қиём менамуд, бераҳмона муносибат мекард. Ҳазорҳо нафар шахсони бегуноҳро аз дами теғ мегузаронианд. Вақте ки артиши мухолифро ба худ тобеъ мекарданд, онҳо ба қӯшуни давлатӣ ҳамроҳ карда мешуданд ва ин ба таври маҷбурӣ сурат мегирифт. Масалан, Муҳаммадраҳимхон дар натиҷаи юриши навбатияш ба Шаҳрисабз, ки

тобистони соли 1750 баргузор гардид, баъд аз ба даст овардани қалъаи Говмеш, ки як мил (1 мил=1,6 км.-С.Б.) аз Шаҳрисабз дар дурӣ қарор дошт [2, с.116], тамоми аҳолӣ ба беруни шаҳр баровард ва дар беруни шаҳр ҳамаи онҳо ба қатл расонд, киштзорҳо ва боғотро ба харобазор табдил дод. Дар натиҷаи ин юриш чоҳҳоро гӯр карданд, наҳрҳоро хароб намуданд, деҳаҳо ва шаҳрҳоро ба монанди Шаҳрисабз, Панҷакент, Шулук, Сангфурӯш ва Хатирчи ба замин яксон намуданд. Бисёр қабила ва авлоди етти уруғи Миёнкол, буркутҳои ноҳияи Нур, дурмонҳои Қубодиён, кенагосҳои деҳаи Сангфурӯшу Шаҳрисабз, ургутҳо, ғалчаҳои Ҳисори Шодмон ва дигар минтақаҳо аз ҷойи доимии истиқоматиашон ба дигар ҷойҳо кӯчонида шуданд [2, с.116]. Яъне, онҳо ба туманҳои атрофи Бухоро маҷбуран оварда шуданд. Ин ва дигар далелҳои ғоратгарӣ нисбат ба мардуми осоишта, ба ҳолати харобу валангор мубаддал гаштани шаҳрҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла Самарқанд оварда расонд.

Муҳаммадвафои Карминагӣ дар китоби худ «Тӯҳфат-ул-хонӣ» инчунин дар бораи муносибатҳои байниҳамдигарии аввалин ҳокимони Бухоро (яъне намояндагони сулолаи манғитҳо) ва робитаи онҳо бо давлатҳои ҳамсоя маълумот додааст. Дар рисола таъкид гаштааст, ки дар ҷангҳои байниҳамдигарии хонигарии Бухоро инчунин ҳокимони шаҳри Хуҷанду Тошканд, хонигарии Қӯқанд, Қошғар ва афғонҳо ҳам ҷалб шуда буданд. Аз ҷумла, хони Қӯқанд Эрдонабий бо Муҳаммадраҳимхон соли 1167/1754—1168/1755 сулҳ баста буд ва ӯ фаъолона ба юришҳои Муҳаммадраҳимхон бар зидди Фозилбий дар Ӯротеппа иштирок мекунад [5, с.218-227].

Доир ба робитаҳои Муҳаммадраҳимхон бо хоҷагони Тошканд ва ҳокимони Қошғар маълумот дода таъкид мегардад, ки мақсади онҳо якҷоя бар зидди қалмиқҳо мубориза бурдан ва қисматҳои шаҳрнишини мамлакатро ҳифз кардан будааст [2, с.117].

Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» доир ба иштироки афғонҳо дар ҳаёти сиёсии Осиёи Миёнаи солҳои 20-50-уми асри XVIII маълумот дода шудааст. Аз рӯи шаҳодати ин таърихнигор афғонҳо дар артиши Муҳаммадраҳимхон асосан ба ҳайси камонандоз ва туфангандоз амал мекарданд, ки миқдори онҳо қариб ба ду ҳазор нафар мерасид. Сарбозони афғон дар ҳайати артиши Эрон низ қарор доштанд, ки онҳоро Нодиршоҳи Афшор фиристода буд. Инчунин, дар ин китоб оид ба задухӯрди байни артиши қизилбошҳои Эрон ва артиши Бухоро, ки дар санаи 29 июли соли 1747 ба вуқӯъ пайваста буд, маълумот дода шудааст [2, с.117].

Зикр кардан зарур аст, ки феодалҳои алоҳидаи ӯзбек бар зидди Муҳаммадраҳимхон бо амири афғон иттифоқ бастаанд. Чунончӣ, Муҳаммад Аминбий сардори қабилаҳои юзи шаҳри Ҳисор кӯшиш ба харҷ дод, ки бо амири Афғонистон Аҳмадшоҳ бар зидди Муҳаммадраҳимхон иттифоқ бандад ва ба Афғонистон сафорати махсусро бо роҳбарии Чӯлихон ва Муҳаммаддӯст фиристад [5, с.213]. Аммо ин фиристодагон натавонистанд аз иҷрои вазифаи ба дӯшашон гузошташуда ба пуррагӣ бароянд.

Дар асари Муҳаммадвафои Карминагӣ доир ба мансабҳо ва маросими дарборӣ маълумоти муфассал ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, маросими тахтнишинии хонҳо баён гаштаанд. Маросими тоҷгузорӣ ҳанӯз дар давраи турку муғулҳо ба вуҷуд омада буд ва Қарахониёну Чингизиён ин анъанаро ба ҷо меоварданд [2, с.117]. Маълумот доир ба ин русуми дарборӣ дар якчанд сарчашма ҷой дорад. Масалан, муфассалтар ҳолати русуми дарборӣ дар асари «Баҳр-ул-асрор»-и Муҳаммад ибни Валӣ ва ҳам дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» тасвир гаштааст.Чунончӣ, Муҳаммадвафои Карминагӣ таъкид намудааст,ки маросими ба тахт нишастани Муҳаммадраҳимхон, ки санаи 23-юми рабеъулаввали соли 1170 ё ин ки 16 декабри соли 1756 ба амал омада буд [5, с.241]. Тартиби баргузоршавии тӯрабардорӣ ё ин ки ба тахт нишонидан чунин буд: Фаррошон яъне, хизматгорон дар толоре, ки он ҷо тоҷгузорӣ бояд ба амал меомад, саф мекашиданд, дар гирду атроф қолинҳо ва палосҳо густурда мешуд, инчунин тахтро ҳам омода мекарданд. Мунаҷҷимон вақти муайян ва соати асъад (муносиб)-ро ҷустуҷӯ мекарданд ва баъд аз расидани ин соати таъингардида мансабдорон ва аҳли дарбор, рӯҳониён, намояндагони чор авлод- Махдуми Аъзамии Косонӣ, Сайид Атоӣ, Хоҷа Муҳаммад Исломи Ҷӯйборӣ ва Хоҷа Аҳрориён ба ин ҷо ҳозир мешуданд. Баъд дар вақте, ки онро мунаҷҷимон таъин менамуданд, хоҷагон ва маҳрамони дарбор ва курчӣ Муҳаммадраҳимхонро бо чашмони баста ба толор ворид намуда, ӯро ба болои намади сафед мешинонанд [5, с.243]. Сипас, намади мазкурро аз чор гӯшааш намояндагони чор қабилаи машҳур- манғитҳо, уторчиҳо, баҳрин ва сарой мебардоштанд. Аз ҳар тарафи ин намади сафед намояндагони чор гурӯҳи рӯҳониёни дин - Исҳоқхоҷа, Аминхоҷа, Аюбхоҷа,Шаҳобиддинхоҷа ва якчанд шахси дигар додхоҳон, тӯқсабоҳо, садрҳо, раисону сардорони лашкар мебардоштанд. Баъди ин хони нав ба тахт нишастаро табрик мегуфтанд ва маросими зиёфат ва тӯҳфасупорӣ оғоз мешуд. Дар баробари ин барои ҳар нафаре, ки дар ин маросим иштирок мекард, хон хилъатҳои фохир эҳдо менамуд. Амирон,

мансабдорон ва намояндагони рӯҳонияти мусулмонон таъзим менамуданд ва хони навинтихобшударо табрик мегуфтанд. Баъди анҷоми ин маросим, танҳо рӯзи ҷумъа санаи 26-уми рабеъулаввали 1170 ё ин ки 19 декабри соли 1756 номи Муҳаммадраҳимхонро дар хутбаи намози ҷумъа эълон карданд [5, с.245]. Дар деҳаҳои калон бо номи Муҳаммадраҳимхон тангаҳо сикка зада шуд.

Тибқи маълумоти «Тӯҳфат-ул-хонӣ»аз рӯи анъанаи бавуҷудомада ба мансабҳои давлатӣ намояндагони сию ду қабилаи ӯзбек таъин мешуданд ва барои таъин кардан ба ин ё он мансаб хизматҳои онҳо ва саҳми қӯшуни онҳо дар роҳи мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ ба назар гирифта мешуд. Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» зикр шудааст, ки ба мансабҳои давлатӣ намояндагони қабилаҳои манғитҳо, хитойқипчоқҳо, баҳрин, сарой, кенагос, ҷалоириҳо, уторчӣ ва ғайраҳо таъин мешуданд.

Ҳамзамон дар давраи хонигарии Муҳаммадраҳимхон мансабҳои динии шайхулислом, нақиб, қозӣ, садр, хатиб ҳам мавҷуд буданд, ки ба ин мансабҳо танҳо намояндагони рӯҳониён таъин мешуданд [5, с.249].

Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» инчунин дар бораи сохти ҳарбии хонигарии Бухоро дар давраи манғитиҳо маълумот дода шудааст. Артиши хонигарӣ шаклан ба артиши Амир Темур, Темуриён ва Шайбониён монанд аст. Аммо дар ин давра таркиби он хеле тағйир пазируфт. Дар баробари ин дар юришҳои ҳарбӣ қисмҳои доимоамалкунандаи тирандоз, мардони туфангандоз, инчунин дорандагони яроқи оташфишон (бо туфанг ва милтиқ амал мекарданд), аз ҳисоби намояндагони афғонҳо иштирок мекарданд. Инчунин дар сафи артиш асирони рус низ ба хизмат ҷалб карда мешуданд. Дар артиши замони Муҳаммадраҳимхон миракон яъне, туфангандозон, инчунин румиёни қангандоз ва афғонони туфангандоз хизмат мекарданд [2, с.119]. Дар давраи Муҳаммадраҳимхон тӯпхона низ рушд мекунад. Дар баробари манҷаниқ ва тири арроба нафтандоз ва тӯп истифода мешуд, ки онҳоро бо уштурҳо ва аробаҳо ба майдони ҷанг мебурданд. Замбӯракҳо ҳам дар ин давра мавриди истифода қарор доштанд [2, с.119].

Дар «Тӯҳфат-ул-хонӣ» ҳамчунин маълумоти этнографӣ ба таври васеъ истифода шудаанд. Дар муқоиса бо дигар асарҳои таърихӣ доир ба якчанд қабилаҳо ва миқдори онҳо маълумот пешниҳод мегарданд. Масалан, дар бораи ӯзбекҳо, қазоқҳо, бошқирдҳо, қароқалпоқҳо ва дигар мардуми туркзабон дар ин китоб маълумот ҷой дорад. Дар давраи ба сари қудрат омадани манғитҳо қабилаҳои баҳрин, етти уруғ ва ҷалоирҳо дар Миёнкол зиндагӣ мекарданд, кенагосҳо дар Шаҳрисабз ва минтақаҳои он, манғитҳо асосан дар Қаршӣ, саройҳо дар Хузор, буркутҳо дар Нур, дурмонҳо дар Қубодиён, юзҳо ва утарчиҳо бошад дар Ҳисору Ӯротеппа ва Ургут, қирқҳо дар Ҷиззах, кунғуротҳо дар Бойсун ва Киштут зиндагӣ мекарданд [2, с.119].

Муаллифи ин асар маълумоти шавқоварро доир ба авлоди ёбу маълумот медиҳад, ки онҳо дар байни деҳаҳои Туркистон ва Шаҳрак ва Миёнкол дар тумани Самҷан ба кӯчманчигӣ машғул буданд. Дар бораи авлоди шодӣ ва мурқа низ, ки ба қабилаҳои юз дохил мешаванд ва дар Ургуту Ҳисор зиндагӣ мекарданд маълумот оварда шудааст. Ҳама ин маълумот дар дигар сарчашмаҳо комилан оварда нашудааст ва мо гуфта метавонем, ки ин сарчашма барои омӯхтани таркиби этникии мардуми туркзабон ва эронизабони Осиёи Миёна аҳамияти калон дорад.

Ба таври умум, таъкид бояд кард, ки дар китобхонаҳои машҳури олам 28 нусхаи қаламии «Туҳфат-ул-хонӣ» мавҷуд аст, аммо комилтарин ва қадимтарин нусхаи хаттӣ, нусхаи архетип дар шаҳри Душанбе маҳфуз аст. Нусхаҳои хаттии «Тӯҳфат-ул-хонӣ» дар Душанбе, дар Тошканд, дар Қазон, дар Санкт-Петербург, дар Англия, дар Мадина мавҷуданд, лекин хеле кам омӯхта шудааст. Хушбахтона, дар замони мо бо кӯшиши доктори илмҳои таърих, профессор Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло ба ин асар руҷӯъ карда шуд ва асари таърихии «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ ва матни факсималии он бо матни интиқодиаш, ки дар асоси се нусхаи Тоҷикистон таҳия гардидааст, соли 2018 ба чоп расид [5].

Бори нахуст дар Тоҷикистон бо муқоисаи се нусхаи ватанӣ матни илмӣ-интиқодии «Туҳфат-ул-хонӣ» чоп гардид. Нусхаи асосӣ дар хазинаи дастхатҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст. Баъдан, нусхаи дуюм низ аз ҳамин хазина мавриди истифода қарор гирифтааст. Барои ислоҳи матн ва ғалатҳояш нусхаи сеюм – дастхати Маркази илмӣ-фарҳангии Шарифҷон Ҳусейнзодаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Омодакунандагони чопи асар зиёда аз 2500 калимаро шарҳ додаанд. Нусхабадал ичро шудааст, матни «Туҳфат-ул-хонӣ» бо муқоисаи илмӣ-интиқодӣ ороиш ёфтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки соли 2015 дар пойтахти Ҷопон шаҳри Токио асари таърихии «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ бо ҳуруфоти арабиасоси форсӣ ба нашр

расидааст. Пажӯҳиш, тасҳеҳ ва тавзеҳоти асар ба доктор Мансур Сифатгул ва доктор Нубуаки Кунду тааллуқ дорад [6].

Ҳамин тавр «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммадвафои Карминагӣ яке аз сарчашмаҳои нодир дар омӯзиши таърихи асри XVIII хонигарии Бухоро ба ҳисоб рафта, маълумоти фаровони сиёсӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва этникӣ дорад.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Анке фон Кюгельген. Легитимация среднеазиатской династии мангитов в произведениях их историков (XVIII – XIX вв.) . -Алматы: «Дайк – Пресс», 2004.- 516с.
2. Ахмедов, Б.А. Историко-географическая литература Средней Азии XVI–XVIIIвв. (Письменные памятники). – Ташкент: Фан, 1985.- 263с.
3. Бухари Мир Мухаммад Амин, Убайдулланоме: Пер. с тадж. с примеч. чл.кор АН Уз. ССР проф. А.А. Семёнова; Отв.ред. О.Д. Чехович.-Ташкент: Изд-во АН Уз. ССР, 1957.- 326с.
4. Джурабаев, Дж. Среднеазиатские письменные источники по истории Бухарского эмирата второй половины XVIII-первой половины XIX вв. / Дж. Джурабаев // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.-2013.-№4[37].-С. 163-179.
5. Карминагӣ Муҳаммадвафо. Тӯҳфат-ул-хонӣ. Муқаддима, таҳияи матн, нусхабадал, таъliқот ва феҳристҳои Ҷамшед Ҷӯразода ва Нурулло Ғиёсов. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 976с.
6. Карминагӣ Муҳаммадвафо. Тӯҳфат-ул-хонӣ. Пажӯҳиш, тасҳеҳ ва тавзеҳоти доктор Мансур Сифатгул бо ҳамкории доктор Нубуаки Кунду.-Токио, 2015. – 535с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. /Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода. – Душанбе, 2008.-950 с.

## REFERENCES:

1. Anke von Kugelgen. Legitimation of Central Asian dynasty of Mangyts in the works of their historians (XVIII - XIX centuries). - Almaty: Dyke - Press, 2004. – 516 p.
2. Akhmedov B.A. Historico-geographical literature of Central Asia in $16^{th}$ – $18^{th}$ centuries (written monuments). - Tashkent: Fan, 1985. – 263 p.
3. Bukhori Mir Muhammad Amin, Ubaidulla-Name: translated from Tajik, annexed by corresponding member of the Academy of Sciences of Uzbekistan SSR Prof. A.A. Semyonov; editor-in-charge: O.D. Chekhovich. - Tashkent: The Academy of Sciences of Uzbekistan. SSR, 1957. – 326 p.
4. Juraboyev J. Central Asian written sources on the history of Bukhara Emirate in the second half of $18^{th}$ – the first half of $19^{th}$ centuries / J. Juraboyev // Scientific Notes. Series of humanitarian and social sciences. 2013. - №4 [37]. P. 163-179.
5.Karminagi Muhammadvafo.Tuhfat-ul-Khani.Introduction,preparation of the text,copy, translations and indexes by Jamshed Jurazoda and Nurullo Giyasov.-Khujand:Noshir,2018.- 976 p.
6. Karminagi Muhammadvafo. Tuhfat-ul-khoni: research, correction and explanation of Dr. Mansur Sifatgul with Dr. Nubuaki Kundu`s cooperation. Tokyo, 2015. - 535 p.
7. Interpretation Tajik language dictionary. In 2 volumes / Edited by Sayfiddin Nazarzoda. - Dushanbe, 2008. - 950 p.